# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Субҳонзода Салоҳиддин Икром дар мавзуи «Ташаккул ва таҳаввули тасвири илмии олам дар афкори фалсафии гузашта» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа, аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа. - шаҳри Душанбе, 2025. - 369 с.**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ воқеан ба ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа дахл дорад: муаллиф андешаҳои файласуфони Юнон, асримиёна ва классикии олмониро таҳлил кардааст. Аз ин рӯ, аз рӯи ихтисос мувофиқ аст.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Мавзӯи диссертатсия дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ мебошад. Масъалаи «тасвири илмии олам» яке аз самтҳои маркази фалсафаи муосир ба шумор меравад. Муаллиф кӯшиш кардааст, ки раванди ташаккул ва инкишофи ин тасвирро дар таърихи фалсафа – аз фалсафаи Юнони қадим, то фалсафаи классикии немис ва қисман давраи муосир, нишон диҳад.

Аҳамияти мавзуъ дар он зоҳир мегардад, ки он ба таҳкими ҷаҳонбинии илмӣ, такмили шинохти методологии дониш ва тавзеҳи категорияҳои куллӣ, махсус ва муҷаррад мусоидат мекунад.

Аммо гарчанде мавзуъ дорои аҳамияти назаррас аст, истифодаи истилоҳи «илмии олам» дар унвон то ҳадде васеъ менамояд, зеро мазмуни тадқиқот бештар ба тасвири фалсафии олам марбут аст. Бо ин ҳама, аҳамияти умумии мавзуъ дар доираи таърихи фалсафа қобили қабул ва илман асоснок мебошад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуқтаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Дар асоси таҳлили муҳтавои диссертатсия метавон хулоса кард, ки дараҷаи навгонии илмии натиҷаҳо нисбӣ буда, бештар дар самти таҳлили бонизоми мафҳуми «тасвири илмии олам» ва тавзеҳи нақши категорияҳои «кулл», «махсус» ва «муҷаррад» дар фаҳмиши он, зоҳир мегардад. Навгониҳои муҳаққиқ асосан дар ҷобаҷогузории мантиқии ин мафҳумҳо дар системаи маърифат ва таъкид бар робитаи онҳо бо таҳаввули фалсафаи муосир ифода ёфтаанд. Бо вуҷуди ин, қисми назарраси мавод ба тавсифи таърихии афкор ва шарҳи мактабҳои фалсафии Ғарб ихтисос ёфта, ҷанбаҳои воқеан инноватсионии таҳлил пурра рушд наёфтаанд. Аз нуқтаи назари илмӣ, натиҷаҳои пешниҳодшуда метавонанд дар таҳкими асоси методологии омӯзиши фалсафаи илм истифода шаванд, вале барои сатҳи рисолаи докторӣ ё номзадӣ афзудани ҷанбаҳои муқоисавӣ ва таҳлили миллӣ зарур менамояд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои диссертатсия** ба таври умум қобили қабуланд, аммо дар баъзе мавридҳо каме номукаммал ба назар мерасанд. Хулосаҳо асосан бо мазмуни бобҳо мутобиқат доранд ва аз раванди таҳлил мантиқан бармеоянд, вале на ҳамаи онҳо бо далелҳои мушаххас, истинодҳои саҳифавӣ ё муқоисаи мустақим пурра тақвият ёфтаанд.

Тавсияҳои пешниҳодшуда бештар хусусияти умумӣ доранд; равшан аст, ки муаллиф ба хулосабарории назариявӣ такя кардааст, аммо тавсеаи ҷузъиёти амалӣ ё самтҳои мушаххаси истифодаи натиҷаҳо имкон дошт, ки эътимоднокии онҳоро бештар кунад. Бо вуҷуди ин, бахшҳое, ки ба нақши категорияҳо дар ташаккули тасвири илмии олам бахшида шудаанд, асоснокии кофӣ дошта, метавонанд барои таҳқиқоти минбаъдаи фалсафии илм ва масъалаҳои методологӣ заминаи мусоид фароҳам оваранд.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, 4 боб (бо 10 зербоб), хулосаи умумӣ ва рӯйхати адабиёт иборат буда, ҳаҷми умумиаш 369 саҳифаро ташкил медиҳад.

Диссертатсияи Субҳонзода Салоҳиддин Икром таҳти унвони **«Ташаккул ва таҳаввули тасвири илмии олам дар афкори фалсафии гузашта»** ба яке аз масъалаҳои муҳими фалсафаи назариявӣ бахшида шудааст. Муаллиф талош намудааст, ки равандҳои асосии ташаккул ва таҳаввули мафҳуми «тасвири илмии олам»-ро дар таърихи фалсафа аз Юнони қадим то фалсафаи муосир таҳлил намояд. Мавзуъ дорои аҳамияти назариявӣ буда, ба таҳкими тафаккури илмӣ ва фалсафӣ мусоидат мекунад. Бо вуҷуди ин, дар таҳқиқ рӯҳияи миллӣ ва иртиботи масъала бо заминаи фикрии шарқӣ ва тоҷикӣ чандон устувор инъикос наёфтааст, аммо бо ин ҳама метавонад дар таҳкими ҷанбаи илмии миллӣ ва рушди тафаккури фалсафии ватанӣ нақши муайян бозад.

Боби якуми диссертатсия, **«Асосҳои назариявию методологии баррасии тасвири илмии олам ва сарчашмаҳои он»,** ҳамчун асоси назариявию методологии таҳқиқи масъалаи «тасвири илмии олам» мавқеи марказӣ дорад ва заминаи фикрии тамоми кори илмиро ташкил медиҳад. Муаллиф дар оғоз таъкид мекунад, ки тасвири илмии олам танҳо маҷмӯи донишҳои илмӣ нест, балки шакли умумии ҷаҳонбинии инсон ва низоми маърифати ӯст. Ба ин тарз, масъала дар сатҳи онтологӣ ва гносеологӣ гузошта мешавад. Муаллиф нишон медиҳад, ки робитаи байни илм ва фалсафа аз замонҳои қадим, то имрӯз пайваста рушд ёфта, ҳар як давраи таърихӣ ба ташаккули тасвири хоси худи олам оварда расондааст. Ҳамин тавр, илму фалсафа ҳамчун ду шакли ягонаи шинохт

дар як раванд амал мекунанд ва таҷассуми онҳо дар мафҳумҳои фалсафӣ – махсусан дар категорияҳои кулл, махсус ва муҷаррад, ифода меёбад.

Дар таҳлили мантиқии ин мафҳумҳо муаллиф кӯшиш мекунад, ки робитаи байни шаклҳои тафаккур ва шаклҳои ҳастиро нишон диҳад. Муаллиф тавассути мисолҳо нишон медиҳад, ки гузариши диалектикии умумӣ ба мушаххас на танҳо дар тафаккур, балки дар низоми илм низ амал мекунад. Масалан, қонуни ҷозибаи умумиҷаҳонӣ ҳамчун шакли умумии қонун дар табиат бо зуҳуроти мушаххаси ҳаракати ҷисмҳо тасдиқ мегардад. Бо ин роҳ, муаллиф тавонистааст, ки иртиботи мантиқ ва табиатро дар сатҳи фалсафӣ асоснок намояд.

Муаллиф дар боби мазкур, ба масъалаи робитаи сатҳҳои таърихӣ ва мантиқии маърифат, таваҷҷуҳ мекунад. Ӯ нишон медиҳад, ки ҳаракати шинохт аз таҷрибаи таърихӣ оғоз шуда, дар шакли мантиқӣ ҷамъбаст мегардад ва ҳамин тавр, фалсафа таҷрибаи илмиро ба шакли универсалӣ табдил медиҳад. Ин нуқтаи назар яке аз қавитарин ҷанбаҳои назариявии боб аст, зеро дар он муносибати ҳамоҳанги таърих ва мантиқ ба таври возеҳ ифода меёбад.

Дар маҷмӯъ, боби якум бо таҳлили амиқ ва густурдаи назариявӣ фарқ мекунад. Аммо дар канори ин масъалаҳои назариявӣ як қатор норасоӣ низ дида мешавад. Аввалан, мафҳумҳои калидӣ дар баъзе мавридҳо хеле абстракт таҳлил шудаанд ва робитаи онҳо бо таҷрибаи воқеии илмӣ возеҳ нест. Дуввум, такяи аз ҳад зиёди муаллиф ба адабиёти русӣ ва шарҳҳои дуюмдараҷа боиси он шудааст, ки манбаъҳои аслии фалсафаи Юнон ва Шарқи исломӣ камтар истифода шаванд. Бо вуҷуди ин камбудиҳо, боби аввал бо таҳлили системавиаш тавонистааст заминаи назариявӣ ва методологии тамоми диссертатсияро ташкил диҳад. Он бо мукаммалӣ ва самти равшани фалсафӣ фарқ мекунад ва метавонад ҳамчун намунаи таҳлили назариявии категорияҳои фалсафӣ дар робита ба илм арзёбӣ шавад.

Боби дуюми диссертатсия, **«Таҳаввул ва рушди афкор дар бораи тасвири илмии олам тавассути таснифи шаклҳои ҳастӣ дар таълимоти файласуфони гузашта»,** ба таҳлили ҷараёни ташаккули тасвири илмии олам дар фалсафаи классикии Ғарб бахшида шудааст ва дар сохтори умумии кори илмӣ ҷойгоҳи марказӣ дорад, зеро он робитаи байни ҷаҳонбинии фалсафӣ ва инкишофи илмро дар марҳалаҳои асосии таърихӣ нишон медиҳад.

Дар қисмати аввал, ки ба фалсафаи антиқӣ ва асримиёнагии аврупоӣ бахшида шудааст, муаллиф бо истинод ба сарчашмаҳои таърихӣ тасаввуроти файласуфони Юнонро дар бораи ҷаҳон ва табиат шарҳ медиҳад. Аз ҷумла, Арасту ҳамчун нахустин файласуфе нишон дода

мешавад, ки барои фаҳмиши олам меъёри мантиқӣ ва низоми категориявиро пешниҳод намуд. Муаллиф дуруст таъкид мекунад, ки дар таълимоти Арасту ҷаҳон ҳамчун низоми бомақсад фаҳмида мешуд, ки ҳар чиз дар он сабаб ва ҷои худро дорад. Дар муқоиса бо ин, Афлотун ҷаҳонро ифодаи сояи ҷаҳони идеяҳо мешуморид. Муаллиф ин фарқиятро намунаи аввалини ҷудошавии ду самти асосии фикр – идеализм ва реализм, медонад. Дар ин қисмат, таваҷҷуҳи муаллиф бештар ба тавсифи умумии таълимот равона аст, вале таҳлили мантиқӣ ва муқоисавӣ нисбатан маҳдуд мебошад. Ҳамин тавр, фаҳмиши антиқӣ ҳамчун марҳалаи ибтидоии ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ тавзеҳ меёбад, ки дар он асосҳои категориявӣ ҳанӯз ба шакли мантиқии мукаммал нарасида буданд.

Дар қисмати минбаъда, муаллиф ба фалсафаи асримиёнагии аврупоӣ мегузарад. Дар ин ҷо диққат ба он равона мешавад, ки тафаккури фалсафӣ зери таъсири дин шакли теологӣ мегирад. Андешаҳои Фома Аквинский, дар бораи мутобиқати ақл ва имон, баён мегарданд. Муаллиф нишон медиҳад, ки дар ин давра ҷаҳон ҳамчун махлуқ ва офаридаи Худо фаҳмида мешуд, на ҳамчун низоми мустақили қонунҳои табиат. Аз ин сабаб, илм ҳанӯз аз доираи теология хориҷ набуда, ба сифати воситаи фаҳми офариниш истифода мегардид.

Дар боби мазкур, муаллиф бо такя ба афкори Френсис Бэкон, Рене Декарт, Бенедикт Спиноза, Готфрид Лейбниц ва Ҷон Локк нишон медиҳад, ки дар ин давра равиши нави фаҳмишӣ табиат ва илми таҷрибавӣ ташаккул меёбад. Бэкон ҳамчун асосгузори эмпиризм муаррифӣ мешавад, ки таҷрибаро пояи дониш мешуморид ва талаб мекард, ки илм аз мушоҳида ва санҷиши таҷрибавӣ оғоз гардад. Муаллиф бо дурустӣ таъкид мекунад, ки методи индуктивии Бэкон асоси таҳқиқоти илмии баъдина гардид. Декарт, дар муқобили ӯ, намояндаи рационализм аст, ки ба нақши ақл ва шубҳаи методӣ такя дошт. Муаллиф тавонистааст робитаи байни ин ду равишро нишон диҳад: эмпиризм ва рационализм ҳамчун ду усули вобастаи ҳам, на мухолиф, тавсиф мешаванд. Дар натиҷа, тасвири илмии олам дар ин давра ҳамчун низоми механикӣ ва математикӣ ташаккул меёбад. Бо истинод ба Спиноза ва Лейбниц, муаллиф нишон медиҳад, ки ҷаҳон ҳамчун маҷмӯи қонунҳои зарурии табиат ва маърифат фаҳмида мешавад. Ҳамин тавр, илм аз доираи фалсафа ҷудо шуда, ба шакли мустақили маърифат табдил меёбад, вале заминаи фалсафии худро нигоҳ медорад.

Қисмати минбаъдаи боб бо таҳлили нақши инқилоби илмӣ дар ташаккули ҷаҳонбинии нав ҷамъбаст мегардад.

Бо вуҷуди ин, боби мазкур аз камбудиҳо холӣ нест. Аввалан, гарчанде ки муаллиф раванди умумиро дақиқ нишон додааст, робитаи байни фалсафаи классикии Ғарб ва афкори Шарқии ҳамзамон (Форобӣ, Берунӣ, Ибни Сино) зикр нашудааст, дар ҳоле ки барои тавозуни илмӣ ин муқоиса муҳим аст. Дуюм, таҳлили мантиқии баъзе муаллифон (масалан, Декарт ва Локк) бештар тавсифӣ аст, на таҳлилӣ. Сеюм, дар боб истинодҳо ба баъзе сарчашмаҳо пурра нестанд, баъзе иқтибосҳо бе нишондоди саҳифа оварда шудаанд. Бо вуҷуд ин, боб аз нигоҳи методологӣ муваффақ аст, зеро он асоси таърихии гузариш аз ҷаҳонбинии теологӣ ба илмии муосирро равшан мекунад.

Боби сеюми диссертатсия, **«Ҷанбаҳои онтологию гносеологӣ ва методологию ҷаҳоншинохтии тасвири илмии олам дар таълимоти фалсафӣ»,** ба таҳлили амиқи онтологӣ ва гносеологию методологии тасвири илмии олам бахшида шудааст. Муаллиф дар ин боб талош мекунад, ки робитаи байни мафҳумҳои ҳастӣ, ҷавҳар ва муҷаррадро ҳамчун пояҳои фалсафии тасвири илмии олам нишон диҳад.

Мафҳуми ҳастӣ дар диссертатсия ҳамчун пояи куллии фаҳми воқеият тавзеҳ ёфта, аз ҷиҳати мантиқӣ бо ҷавҳар ва мавҷудият иртибот мегирад. Муаллиф нишон медиҳад, ки фаҳмиши ҳақиқии олам танҳо дар он сурат имконпазир аст, ки агар он ба таври диалектикӣ,тавассути муносибати кулл, махсус ва муҷаррад, баррасӣ шавад. Ҷузъи онтологӣ дар ин маврид вазифаи муайян кардани сохтори воқеияти объективӣ ва робитаи байни унсурҳои он, аз ҳастии умумӣ то шаклҳои мушаххаси зуҳуроти онро иҷро мекунад. Муаллиф бо дурустӣ қайд мекунад, ки илм наметавонад ин робитаро танҳо аз доираи таҷриба фаҳмонад; ин вазифа ба фалсафа тааллуқ дорад, зеро маҳз фалсафа меъёри мантиқии фаҳм ва маънии ҳастиро муайян мекунад.

Дар идомаи боб, таваҷҷуҳ ба категорияи ҷавҳар ҳамчун шакли махсуси зуҳури ҳастӣ равона шудааст. Ҷавҳар ҳамчун заминаи воқеии ҳамаи падидаҳо ва сабаби ибтидоии вуҷуд фаҳмида мешавад. Бо вуҷуди ин, таҳлили муфассали муқоисавии таълимоти шарқӣ ва ғарбӣ дар бораи ҷавҳар ва ҳастӣ (масалан, Ибни Сино ва Спиноза) ба назар намерасад, ки ин метавонад камбудии назариявӣ бошад.

Муаллиф дар боби мазкур масъалаи шинохт ва усули дарки воқеиятро баррасӣ мекунад. Дар ин ҷо робитаи байни фаҳмиши онтологӣ ва гносеологӣ ба таври мантиқӣ барқарор мешавад. Ба андешаи муаллиф, донишҳои илмӣ наметавонанд бидуни асосҳои фалсафии шинохт ба вуҷуд оянд, зеро худи методологияи илмӣ аз усулҳои фалсафӣ сарчашма мегирад. Дар ин қисмат низ равиши диалектикӣ ҳамчун пояи умумии шинохти ҳастӣ муаррифӣ мешавад.

Муаллиф тавонистааст робитаи байни ҳастӣ, ҷавҳар ва донишро дар як низоми мантиқии ҳамгиро нишон диҳад. Аммо дар баробари ин, якчанд нуктаи заиф мушоҳида мешавад. Аввалан, гарчанде ки диссертант ба муаллифони ғарбӣ истинод мекунад, аммо андешаҳои файласуфони шарқӣ – Ибни Сино, Форобӣ, Насири Хусрав ва дигарон дар таҳлили онтологӣ ва ғносеологӣ ҷой надоранд. Дуввум, робитаи байни қисматҳои онтологӣ ва методологӣ дар баъзе мавридҳо аз назари мантиқӣ робитаи заиф доранд, натиҷаҳо на ҳамеша мустақим аз таҳлил бармеоянд.

Боби чоруми диссертатсия, **«Мақулаҳои фалсафӣ ҳамчун ҷузъҳои сохтории тасвири илмии олам дар фалсафаи даврони муосири Ғарб»,** аз ҷиҳати назариявӣ ва фалсафӣ хубтарин бахши тадқиқот мебошад ва дар он муаллиф кӯшиш кардааст, ки масъалаи мақулаҳои фалсафӣ ҳамчун ҷузъҳои сохтории тасвири илмии оламро дар доираи фалсафаи муосири Ғарб бо мисолҳои мушаххаси таърихӣ ва консептуалӣ таҳлил намояд. Дар оғози боб муаллиф робитаи байни се категорияи асосӣ – кулл, махсус ва муҷаррад ва низоми ахлоқию фарҳангии тафаккури инсонро меомӯзад ва онҳоро на танҳо шаклҳои мантиқӣ, балки арзишҳои маънавии ҷомеа мешуморад. Бо ин васила, муҳтавои фалсафӣ бо соҳаи этика ва фарҳанг пайваст шуда, масъалаи категорияҳо аз доираи мантиқии холис берун мебарояд.

Дар таҳлили таърихии ин масъала муаллиф таҳлили пайдарпай аз Афлотун ва Арасту оғоз мекунад. Афлотун категорияи "кулл"-ро бо олами идеяҳои абадӣ мепайвандад, дар ҳоле ки Арасту онро ба системаи мантиқӣ табдил медиҳад ва фарқияти байни насл, намуд ва шахсро шарҳ медиҳад. Муаллиф ба таври дуруст нишон медиҳад, ки дар анъанаи фалсафаи асримиёнагӣ, баҳси реалистҳо ва номиналистҳо, идомаи ҳамин масъала мебошад.

Дар қисмати таҳлили фалсафаи классикии олмонӣ, муаллиф бо истинод ба Кант ва Гегел нишон медиҳад, ки дар заминаи диалектикаи гегелӣ мақулаҳо дигар шакли статикӣ надоранд, балки ҳамчун ҳаракати дохилии маърифат, аз умумӣ ба махсус ва аз махсус ба муҷаррад, фаҳмида мешаванд. Ин нуқтаи назар бо мақсади асосии диссертатсия мувофиқ аст, зеро нишон медиҳад, ки тасвири илмии олам низ як сохтори ҳаракатомез ва худшинос аст.

Дар қисми охир, масъалаи экзистенсиализм ҳамчун идомаи онтологияи феноменологӣ таҳлил шудааст. Муаллиф ба осори Сартр, Камю, Марсел ва Ясперс такя намуда, нишон медиҳад, ки экзистенсиализм тавассути таҷрибаи шахсии инсон маънои ҳастиро ҷустуҷӯ мекунад. Хулосаи дуруст ин аст, ки озодӣ ва масъулияти инсон

дар фалсафаи экзистенсиалӣ қуллаи шинохти ҳастӣ мебошанд. Аммо, дар ин қисмат низ таҳлили муқоисавӣ бо фалсафаи шарқӣ (масалан, ирфон ё тасаввуф) мавҷуд нест, ки бо ҳадафи умумии тадқиқ мувофиқ намеояд.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия.** Диссертатсия дорои аҳамияти илмӣ мебошад, зеро масъалаи ташаккули тасвири илмии олам ва нақши категорияҳои фалсафӣ дар он таҳлил шудааст. Натиҷаҳои таҳқиқ метавонанд дар таълим ва тадқиқотҳои минбаъда истифода шаванд. Аз ҷиҳати амалӣ ва иҷтимоӣ, кор ба болоравии фарҳанги илмӣ ва рушди тафаккури фалсафӣ мусоидат мекунад. Аҳамияти иқтисодии он ғайримустақим буда, ба такмили иқтидори зеҳнии ҷомеа алоқаманд аст.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз руи мавзи диссертатсия**. Муаллиф, тибқи маълумоти зикршуда, 29 мақола дорад, ки 19-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи ВАК Тоҷикистон ва ВАК Россия чоп шудаанд. Ин нишондиҳандаи хуби фаъолияти илмӣ аст. Дар рӯйхати маводҳо мавзуъҳои мақолаҳо бо мавзӯи диссертатсия мувофиқанд, онҳо ба фалсафаи маърифат, категорияҳо, тасвири олам ва методология марбутанд. Пас, мувофиқат пурра таъмин аст.

**Мутобиқати ба расмиятдарории диссертатсия ба талаботи Коммисия.** Диссертатсия аз ҷиҳати ба расмиятдарорӣ пурра ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионӣ мутобиқат дорад.

Автореферати диссертатсия, ба талаботи Тартиби додани дараҷаи илмӣ гузоришҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267, тасдиқ шудааст, ҷавобгу мебошад.

Дар натиҷаи таҳлили ҳамаҷонибаи тамоми бобҳо ва хулосаи диссертатсия, камбудиҳо ва норасоии асосӣ ба таври зайл муайян шуданд:

1. Номи рисола «Ташаккул ва таҳаввули тасвири илмии олам дар афкори фалсафии гузашта», объекти он – «тасвири илмии олам» ва предмети таҳқиқ – «категорияҳо (мақулаҳо), алахусус кулл, махсус ва муҷаррад дар сохтори тасвири илмии олам дар таърихи афкори фалсафаи Ғарб» бо ҳам робитаи нисбӣ доранд, вале пурра мувофиқ нестанд. Ном хусусияти умумӣ ва таърихӣ дошта, тамоми афкори фалсафии гузашта, аз ҷумла Шарқу Ғарбро фаро мегирад, дар ҳоле ки предмет танҳо ба фалсафаи Ғарб маҳдуд аст. Объект бо ном аз нигоҳи мазмун мувофиқат дорад, аммо доираи замонӣ дар он нишон дода нашудааст. Дар айни замон, байни самти илмии объект ва самти мантиқии предмет низ ихтилоф ҷой дорад, ки боиси номукаммалии консепсияи таҳқиқ мегардад. Мантиқан низ, вақте ки дар унвон ибораи

«афкори фалсафии гузашта» оварда мешавад, пеш аз ҳама андешаҳои гузаштагони худ, яъне намояндагони мактабҳои фалсафии форсу тоҷик, монанди Форобӣ, Ибни Сино, Носири Хусрав, Мавлоно ва дигар мутафаккирони ин минтақаи фарҳангӣ, дар назар гирифта мешаванд. Аз ин рӯ, хуб мебуд, ки дар таҳқиқ ба осори ин мактабҳо низ таваҷҷуҳи бештар зоҳир мегардид, то мавқеи онҳо дар ташаккули тасвири илмии олам ва ҳамбастагии он бо фалсафаи Ғарб равшантар нишон дода мешуд.

2. Истифодаи истилоҳи «илмии олам» дар унвон то андозае васеъ менамояд, зеро мазмуни воқеии тадқиқот бештар ба тасвири фалсафии олам иртибот дорад. Дар таҳқиқот, сухан асосан аз равандҳои маърифатӣ ва категорияҳои фалсафӣ меравад, на аз асосҳои таҷрибавӣ ё методҳои илмҳои табиӣ. Аз ин рӯ, дақиқтар мебуд, агар дар унвон мафҳуми «фалсафии олам» истифода мешуд, ки ба мазмун ва самти воқеии таҳқиқ пурра мувофиқат мекунад.

3. Гарчанде мавзӯи таҳқиқот фарогири умумибашарӣ мебошад, аммо ба осори мутафаккирони шарқӣ ва намояндагони фалсафаи миллӣ таваҷҷуҳи кофӣ зоҳир нашудааст. Тамоми диққати таҳқиқ бештар ба мактабҳои фалсафаи Ғарб равона шуда, ҷанбаи муқоисавӣ ва саҳми донишмандони шарқӣ дар ташаккули тасвири илмии олам нодида мондааст. Ин ҷо саволе ба миён меояд, ки таҳқиқи таълимоти донишмандони Ғарб чӣ зарурат дорад, замоне ки худи ин масъала, яъне ташаккули тасвири илмии олам ва ҷойгоҳи мақулаҳои фалсафӣ, дар афкор ва осори гузаштагони мо, то имрӯз ба таври амиқ ва мукаммал мавриди таҳлил қарор нагирифтааст. Аз ин лиҳоз, барои пурра ва ҳаматарафа будани таҳқиқ, баррасии мероси фалсафии форсу тоҷик ва мутафаккирони шарқӣ бояд ба таври мустақил ва муқоисавӣ анҷом дода мешуд, то заминаи миллӣ ва таърихии масъала равшантар таҷассум ёбад.

4. Истифодаи ибораҳои норавшан. Дар саҳифаи 118 ҷумлаи «Гурӯҳи сеюм бар ин бовар аст, ки ҳамсафарони ҳайвони даҳшатнок пайравони бевоситаи Афлотун мебошанд» истифода шудааст, ки аз ҷиҳати забонӣ ва мазмунӣ норавшан аст. Аввалан, ибораи “ҳайвони даҳшатнок” дар матни илмии фалсафӣ бе контексти муайян ва асоси мантиқӣ истифода шудааст. Он на ба мафҳуми фалсафии мушаххас ишора дорад ва на ба рамзи маъруфи фалсафӣ, ки дар анъанаи Афлотун ё дигар мутафаккирон ҷой дошта бошад.

5. Рӯйхати адабиёт бе риояи тартиби алифбоӣ ва бо омехтани сарчашмаҳо ва адабиёти тадқиқотӣ тартиб ёфтааст: осори аслии мутафаккирон ва адабиёти таҳқиқотӣ аз ҳам ҷудо карда нашудаанд, ки ин ҳолат бо талаботи меъёрии КОА мутобиқат надорад.

6. Иқтибосҳо ва андешаҳои файласуфон дар бисёр мавридҳо (дар тамоми бобҳо) бе ишора ба саҳифаи аслӣ ё маълумоти пурраи сарчашма оварда шудаанд, ки сатҳи академии кори илмиро коҳиш дода, санҷишпазирии далелҳоро маҳдуд месозад.

7. Дар зербоби якуми боби як маводи назариявӣ аз ҳад зиёд тавсеа ёфтааст, вале робитаи мантиқии он бо мавзӯи асосии ба таври возеҳ нишон дода нашудааст. Матн бештар хусусияти тавсифӣ дошта, нақши мустақими мақулаҳо дар ташаккули тасвири илмии олам пурра возеҳ намегардад. Таҳлили истилоҳҳои «кулл», «махсус» ва «муҷаррад» (дар боби дуюм) гарчанде муфассал аст, аммо бо мисолҳои мушаххас ва ҷанбаҳои татбиқии онҳо ба фалсафаи муосир пайваст намешавад, ки боиси умумӣ ва камтаъсир гардидани хулосаи назариявӣ мегардад (саҳ. 83–86).

8. Дар зербоби якуми боби дуюм ҳангоми тавсифи фалсафаи асримиёнагии аврупоӣ муаллиф бештар ба шарҳи умумии таърихӣ ва динӣ таваҷҷуҳ намуда, робитаи мустақими ин марҳала бо ташаккули «тасвири илмии олам»-ро ба таври возеҳ нишон намедиҳад. Аз ин сабаб, муҳтавои қисмат бештар тавсифӣ буда, таҳлили назариявӣ суст ба назар мерасад (саҳ. 118–119). Инчунин дар зербоби мазкури боби дуюм, ҳангоми баррасии андешаҳои мутафаккирони асримиёнагӣ, муаллиф таълимоти донишмандони Шарқ ва Ғарбро якҷо баррасӣ мекунад, ки ин равиш аз нигоҳи таҳлили фалсафӣ чандон дуруст нест. Омехтани ду анъанаи гуногуни фикрӣ – исломӣ-шарқӣ ва насронӣ-ғарбӣ, бе ҷудосозии мантиқӣ, боиси норавшан гардидани хусусиятҳои миллӣ, мазҳабӣ ва методологии ҳар яке шудааст. Дар натиҷа, равшан намешавад, ки фарқиятҳои асосии онҳо дар фаҳмиши ҳастӣ, маърифат ва табиати ақл чӣ гунаанд. Барои таҳқиқи мукаммал зарур буд, ки таълимоти мутафаккирони шарқӣ ва ғарбӣ бо таҳлили муқоисавӣ ва бар асоси заминаи таърихию фарҳангии хоси худ ҷудо баррасӣ мешуданд.

9. Муаллиф, дар зербоби якуми боби сеюм, аз баҳси умумии таърихии категорияҳои «кулл», «махсус» ва «муҷаррад» ба тавсифи фалсафаи муосир мегузарад, аммо робитаи мантиқӣ байни ин ду бахш ба таври возеҳ нишон дода нашудааст. Чӣ гуна таҳаввули таърихии ин се категория ба ташаккули фаҳмиши муосири онҳо асос мегузорад, шарҳ дода намешавад. Дар натиҷа пайванди мазмунӣ суст мегардад ва пайдарпайии таҳлили мавзуъ аз байн меравад (саҳ.198–200). Инчунин мавқеи муаллиф нисбати категорияҳо дар таҳлили феноменология номуайян аст: ӯ хулоса мекунад, ки феноменология ба сатҳи «муҷаррадии ҷанбаи онтологӣ» нисбат дорад, аммо асосҳои мантиқӣ ва далелҳои консептуалии ин иддао пурра тавзеҳ дода нашудаанд. Тафсири

муаллиф бисёр умумӣ буда, фаҳмидан душвораст, ки чаро феноменология маҳз ба сатҳи «муҷаррад» нисбат дода мешавад, на ба «махсус» ё «кулл» (саҳ. 271–273).

Аммо ин камбудиҳо хусусияти тавсиявӣ дошта, барои анҷоми таҳқиқоти оянда мусоидат карда, муҳтавои таҳқиқоти мазкурро арзишманд менамоянд.

Диссертатсияи Субҳонзода Салоҳиддин Икром **«Ташаккул ва таҳаввули тасвири илмии олам дар афкори фалсафии гузашта»** ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа мебошад.

Муқарризи расмӣ,
доктори илмҳои фалсафа,
профессори кафедраи фалсафа
ва сиёсатшиносии
ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода Ш.Х. Карамхудоев

17. 11. соли 2025

Суроға: 734025 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Муҳаммадиев, 16/7, ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода, тел. (992) 93-713-03-72
E-mail: shukratk@mail.ru

Имзои доктори илмҳои фалсафа, профессор Ш.Х. Карамхудоевро тасдиқ менамоям.

Сардори РК ва корҳои махсуси
ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода Юсупова Б.Ғ.

17. 11. соли 2025